«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илми филология, профессор
_____________ Гулназарзода Ж.Б.
«25» ___августи___ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Мавзуи таҳқиқи тарҷумаҳои адабиёти бадеӣ барои адабиётшиносии тоҷик, ба хусус адабиёти Ҳинди бостон агарчи нав нест, боз ҳам паҳлуҳо ва гӯшаҳои зиёди ба таҳқиқнарасидаи он мавҷуд аст, ки интизори таҳқиқу пажӯҳиши муҳаққиқони ин бахш мебошад. Дар риштаи тарҷумашиносӣ ва таърихи тарҷума ба забони форсии тоҷикӣ аз забонҳои гуногуни олам ба вижа аз адабиёти қадими ҷаҳон таҳқиқоти диссертатсионӣ, монографияҳо ва рисолаву мақолаҳои зиёде дар адабиётшиносии тоҷик нигошта шудааст, вале дар мавриди таҳқиқу баррасии тарҷумаҳои форсии тоҷикии достони ҳамосии “Рамаяна” таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом дода нашудааст. Биноан, навиштани диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» аз тарафи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон иқдоми хуби илмӣ буда, сазовори дастгирӣ мебошад.

Робитаҳои адабии миёни сокинони Осиёи Марказӣ ва нимҷазираи Ҳиндустон таърихи тулонӣ дошта, ба даврони моқабли таърих бармегардад. Умумият ва ягонагии адабу ҳунар ва маданияти ин халқҳо решаҳои қадим дорад, ки таҳқиқу пажӯҳиш дар ин замина барои ошкор намудани сатҳи маънавиёти ниёгони дури ин қавмҳо ва бармало сохтани осори мушаххаси адабии ин пайвандҳои адабию ҳунарӣ барои барқарор сохтани таърихи комили робитаҳои адабию фарҳангӣ аҳаммияти вижа доранд. Аз ҳамин лиҳоз, диссертатсияи мавриди гуфтугӯ дорои аҳаммияти хос ва мавзуи он барои илми адабиётшиносии тоҷик тоза ба ҳисоб меравад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Зикр ва нишон додани аҳаммияти мавзуи мазкур, баррасии пешинаи омӯзиши он, муайян кардани масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқот, аҳаммияти амалӣ ва назарии таҳқиқот, баёни нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаву натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф саҳми ӯро дар таълифи таҳқиқоти мазкур нишон медиҳанд. Аз муҳтавои рисола бармеояд, ки достони ишқӣ-ҳамосии “Рамаяна” дар таърихи адабиёти Ҳинд аз бостонитарин асарҳо дар мавзуи ишқи инсон аст ва аз он ки аз замони таълифи он беш аз дувуним ҳазор сол сипарӣ шудааст, мисли ҳар асари даврони бостон аз унсурҳои устураву ҳамоса чошнии бештаре ба он ворид гардида, дар даврони баъд бо тарҷума шудани он аз асли санкритӣ нахуст ба забонҳои бумии сарзамини Ҳинд, баъдан ба забонҳои дигари дунё дучори дигаргуниҳо ва дасткориҳо шуда бошад ҳам, бунёди бадеӣ ва рабти он бо зиндагӣ ва рӯзгори инсонҳои бостонӣ боқӣ мондааст, ки ин падида аз таъсиру нуфузи ин ҳамоса дар зиндагии имрӯзи ҳиндувон ошкор ва дида мешавад (дисс.саҳ. 69). Дар ҳамин росто бояд гуфт, ки тибқи иттилои муҳаққиқон ҳамосаи “Рамаяна” на танҳо ба осори бузурге чун “Маҳабҳарата”–ҳамосаи миллӣ ва бемонанди

ҳиндувон, «балки бар адабиёти будоӣ, ҷайнӣ, осомӣ, урду ва дигар забонҳои ҳиндӣ ҳам таъсир дошта, дар Ховари Дур ва кишварҳое чун Бирма, Срилонко, Индонезӣ, Комбуҷ, Тибет ва Непал ба бахше ҷудонашуданӣ аз адабиёт ва сунан ва ривоёти мардум табдил шудааст». Қаҳрамонони устурай ва бадеии "Рамаяна" ба фаъолияту ҳаёти фарҳангии мардум ворид гардида, мазмуну сюжети саҳнаҳои он мавзуи асарҳои рассомон, шоирон, пайкарасозон, муҳандисон, лоиҳакашон гардидааст, ки он дар осори ҳунарӣ ва бадеии ҳиндувон машҳуд аст. Гузашта аз ин "Рамаяна" ба мисли як китоби муқаддас ба шумор рафта, рафтору фаъолияти симоҳои барҷастаи он намунаи садоқату вафодорӣ, покизагиву покдомании занон, қаҳрамонию меҳандӯстии мардон, ишқу алоқа ба суннатҳо ва хонадон мебошад.

Тарҷумаҳои форсии тоҷикии ин асари мондагори адабиёти қадими Ҳинд аз ғаниматҳои адабӣ барои адабиёти мо буда, таҳқиқу баррасӣ ва омӯзишу пажӯҳиши онҳо дар ғанои адабиёт афзуда, таърихи адабиёти моро такмил хоҳанд дод.

Бори нахуст дар таҳқиқоти мазкур пайвандҳои адабии миёни мардумони эронӣ ва ҳиндӣ аз даврони бостон, замони Сосониҳо, даврони ҳукумати сулолаҳои эронии Ҳинд бар асос ва равишҳои илмии муосир пажӯҳиш гардида, тарҷумаҳои "Калила ва Димна" бо таҳрирҳои гуногуни он ва тағйиру иловаҳои муаллифони он ба забони форсии тоҷикӣ таҳлилу арзёбӣ, инчунин, тарҷумаҳои форсии тоҷикии манзуму мансури "Рамаяна" дар анвои адабии мухталиф, хоса маснавии "Ром ва Сито"–и Масеҳои Понипатӣ ва вижагиҳои бадеии он мисли вазну қофияву радиф, санъатҳои лафзию маънавӣ ва забону сабки баёни он сурат мегирад, ки таҳқиқоти фарогир дар ин замина мебошад ва ҳамаи ин мазоёи илмии диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон моро бар он медорад, ки онро таҳқиқоти арзанда ва навоварона дар илми адабиётшиносии тоҷик арзёбӣ намоем.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон тибқи муқаррароти рисолаҳои илмӣ бо муқаддима оғоз гардида, дар он аҳаммият ва зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назарию амалии таҳқиқоти мазкур, равишҳои таҳқиқ, соҳа ва мавридҳои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, интишороти муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот ва сохтори он баён гардидааст. **Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори аввал равобити адабию ҳунарӣ ва умумиятҳои фикрӣ ва маънавии халқҳои эронӣ ва ҳиндӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф робитаҳои адабӣ дар ин самт тариқи тарҷумаи осори ҳиндӣ ва санскрит ба форсии тоҷикӣ, таҳлилу баррасӣ ва ҷойгоҳи тарҷумаҳои форсии “Рамаяна” дар ин замина муайяну мушаххас гардида, ҳунари шоирии Масеҳои Понипатиро бар асоси маснавии “Ром ва Сито” ошкор ва вижагиҳои бадеӣ, шеърӣ ва забону баёни онро таҳқиқ кардааст. **Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он ҳувайдост, ки нахустин бор аз тарафи муҳаққиқ пайвандҳои адабии эронӣ ва ҳиндӣ аз даврони бостон, замони Сосониҳо, даврони ҳукумати сулолаҳои эронии Ҳинд бар мабнои таҳқиқоти муосири илмӣ баррасӣ гардида, сайри таърихии тарҷумаи “Калила ва Димна” бо таҳрирҳои гуногуни он ба забони форсии тоҷикӣ таҳлилу арзёбӣ ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии “Рамаяна” дар назму наср ва анвои шеърии мухталиф, бахусус маснавии “Ром ва Сито”-и Масеҳои Понипатӣ ва муҳассаноти бадеии он ба шумули вазну қофияву радиф, орояҳои лафзию маънавӣ ва забону сабки баёни он сурат мегирад, ки таҳқиқоти комил дар ин замина мебошад. Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақолаҳо интишор гардида, тавассути маҷаллаҳо, маҷмуаҳои дастҷамъӣ, маҷаллаҳои тақризшавандаи донишгоҳҳо ва институтҳои пажӯҳишӣ ба китобхонаҳои асосии илмии

ҷумҳурӣ супорида шуда, дар дарсҳои назарию амалӣ ва мустақилонаи факултетҳои филологӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯён ва омӯзгорон истифода мешавад. Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот дараҷаи омӯзишу пажӯҳиш, мақсаду вазифаҳои асосӣ, ҷанбаҳои назарию амалии диссертатсия ва навгониҳои таҳқиқ баён гардида, саҳми шахсии муаллиф, сарчашмаҳо ва манобеи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаи таҳқиқот ва адабиёти истифодашуда тавсиф гардидааст.

Боби нахустини диссертатсия ба равобити адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар замони бостон оид буда, фарогири ду фасл ва ду зерфасл мебошад. Фасли аввали он ба давраи бостон ва фасли баъдӣ ба пайвандҳои адабию ҳунарии замони Сосониён ҷудо шгудааст, ки дар бахши охири он ба сайри таърихии ёдгори адабии “Калила ва Димна” дар адаби форсии тоҷикӣ бахшида шудааст. Даст задани муаллиф ба таърихи пайвандҳои адабӣ аз зарурат ё тақозои мавзуи аслии рисола бармеояд ва руҷуи таърихии муаллиф ба омӯзиши ин равобит чанд масъаларо дар пеши рӯйи муҳаққиқони ин соҳа боз менамояд, ки нахустини он ангезаҳои ягонагии фарҳангу адаб ва ҳунари мардумони сарзаминҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон мебошад, ки он дар ҳамнажодию ҳамзистии дерсолу тулонии онҳо дар обу хоки ягона ва ватани ибтидоии бо ҳам доштаи онҳо будааст, ки дар рисола бо натиҷаҳои ба дастомада аз кашфиётҳои бостоншиносӣ далелҳо оварда шудааст. Бино бар таҳқиқоти таърихнигорон гузаштагони ориёии қавмҳои Осиёву Аврупо аз қисматҳои кӯчида ба ҷануби Аврупо ва даштҳои Ҷануби Русия ва соҳилҳои Хазару сарзамини миёни рӯдхонаҳои Ому ва Сир зиста, баъдан, бар асари ҳодисаҳои таърихии мухталиф ба даштҳо ва водиҳои паҳновари Ҳинд пеш мераванд ва шароити ба зиндагӣ мувофиқи он кишварро пазируфта, онро ба ҷойгоҳи доимии хеш

қарор медиҳанд, ки бо халқи осори мондагори маънавӣ ва мактуб дар таърих сабти абадӣ ёфтаанд.

Ҳаракати қабоили ориёӣ аз тариқи сарзамини мо–тоҷикон ба ҷануби Ҳиндукуш ва аз тариқи Систону Макрон ба Синду маркази Ҳинд анҷом ёфтааст, ки ин масири ҳаракат аз марказҳои аслии густариши фарҳангу тамаддуни ҳиндуориёӣ мебошад. Ҳиндуҳо ва эрониҳои дар он замон ягона “дар ҷуғрофиёи сукунати хеш ба халқи осори мактубе пардохтанд, ки барои он замон аз таърихи башар беназир ва дар рушду густариши мероси мактуби инсоният дар он замони бостон аҳаммияти хос дорад” (дисс.саҳ.17). Дар фаслҳои дигари ин боби диссертатсия аз ҳамзистии халқҳои мазкур дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар таҳти идораи давлатҳои ягонаи Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён ва Кӯшониён дар замони бостон ва дорои мероси ягонаи фарҳангӣ, адабӣ ва ҳунарӣ будани онҳо таъкид гардида, бо далелҳои илмӣ аз манобеи адабӣ, таърихӣ ва бостоншиносӣ таъйид шудаанд. Далелҳои муаллиф дар бораи робитаҳои фарҳангӣ ва адабии ин халқҳо аз “Шоҳнома”, осори Низомӣ, “Табақоти Носирӣ”, “Муҷмалу-т- таворих ва-л- қисас”, “Муруҷу-з-заҳаб”, фарҳангномаҳои форсӣ ва таҳқиқоти донишмандони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар мавриди густариши ҳамешагии ногусастании пайвандҳои адабӣ, ҳунарӣ ва фарҳангии халқҳои ҳинду эронӣ боэътимод ва илмӣ мебошанд. Фасли охирини боб ба таърихи тарҷума ва таъсиру нуфузи асари пуровозаи “Калила ва Димна”, ки дар такомулу густариши шуҳрати ҷаҳонии ин асари ҳиндиасл саҳму нақши мардумони эронӣ беш аз худи ҳиндуҳо будааст, бахшида шудааст, ки оғози интишори байналмилалии он аз замони Хусрави Анӯшервони Сосонӣ сурат гирифтааст. Андешаҳои муаллиф дар пайдоиш ва таҳриру вариантҳои аслии ин асар ва таҳрирҳои манзуму мансури форсии тоҷикии он, ки қисмати асосии онҳо дар Ҳинд сурат гирифтаанд, ҷолиб мебошанд. Боби дуюми диссертатсия “Ҳамосаи бостонии Ҳинд

“Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” унвон дошта, аз ду фаслу се зерфасл иборат мебошад. Дар фасли аввал аз ривоҷи тарҷума дар даврони ҳукуматҳои эронии шибҳи қорра пас аз нашри дини ислом дар он сарзамин сухан меравад, ки бино бар ривояти сарчашмаҳои таърихӣ бо ибтикору пуштибонии подшоҳони эронитабори Ҳинд осори бисёре аз забонҳои санскрит, ҳиндӣ ва забонҳои маҳаллии он ҷо ба забони форсии тоҷикӣ ҳам ба назм ва ҳам наср баргардон шудааст, ки дар рисола асарҳои тарҷумашуда, ба тафкики мавзуъҳо ва забонҳои аслии онҳо баррасӣ ва дар чанд маврид бо ҷадвалҳо ва зикри номи асар, номи муаллиф, номи тарҷумон, замони тарҷума ва баъзан макони тарҷума таҳлилу таҳқиқ шудаанд, ки як навъ таърихчаи тарҷумаи осори ҳиндӣ ба форсии тоҷикиро мемонад. Пас аз ин, дар фасли баъдӣ муаллифи рисола ба баррасӣ ва муаррифии бевоситаи “Рамаяна” оғоз карда, аз пайдоиш, вариантҳо, тарҷумаҳо ва таъсиру шуҳрати он дар ҷомеаи ҳиндӣ сухан меронад, ки ангезаи асосӣ ва аслии тарҷумаи он ба забонҳои дигар ва, ба вижа, ба забони форсӣ гардидааст. Бино бар таҳқиқи муаллиф, дар Ҳинд бисёре аз саҳнаҳои ин асар дар маросими ҷашнҳои Девала ва Ромлила то даҳ рӯз дар маърази омма намоиш дода мешавад, ки аз иштиҳори он дар байни мардум ва маҳбубияти он гувоҳӣ медиҳанд. Таъсиру нуфузи ин ҳамосаи ишқӣ ба ҳар хонадони ҳинду аз ҳар асар ё асари ҳунарии дигар бештар буда, ҷанбаи миллӣ ва адабии он барои ҳар хонадоне равшан аст. Бино бар эътиқоди ҳиндуҳо, Ром таҷаллии нури Худованд дар чеҳраи инсон аст. Муҳтавои зерфасли аввали ин фасл ҳамин тарҷумаҳои форсии тоҷикии “Рамаяна” буда, тавсифу таҳлили онҳо аз нигоҳи миқдору сохтору навъи адабӣ ва замону забони тарҷума анҷом гирифтааст, ки мантиқӣ ва илмӣ ба назар мерасад. Аз “Рамаяна” дар таърихи адабии форсии тоҷикӣ тарҷумаҳои зиёде боқӣ мондааст. Бино бар таҳқиқи Саййид Амир Ҳасани Обидӣ, 22 тарҷумаи форсии асар мавҷуд мебошад. Тарҷумаи форсии он манзум, мансур ва дар анвои

адабии маснавӣ, маснавии омехтаи бо ғазалҳо, қасида ва ғайра иншо шудааст. Дар ду зерфасли охирини ин боб аз тарҷумаи манзуми ин асар аз тарафи Шайх Саъдуллоҳ Масеҳои Понипатӣ, ки аз беҳтарину машҳуртарин тарҷумаҳои ин ёдгори мондагори адабии Ҳинди бостон ба ҳисоб меравад, баҳс ороста шудааст, ки мулоҳизаҳои муаллифи рисола бар мабнои тазкираҳо ва манобеи таърихии мавҷуд ва навиштаҳои худи шоир дар маснавии тарҷумаи “Рамаяна” мавсум ба “Ром ва Сито” сурат гирифтааст. Тарҷумаи манзуми Масеҳои Понипатӣ дар навъи адабии маснавӣ дар вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур – вазни маснавиҳои “Юсуф ва Зулайхо”, “Хусрав ва Ширин” эҷод шуда, дар 5408 байт ба мо расидааст, ки дар адабиёти форсии Ҳинд машҳур аст.

Бино бар таҳқиқи дар рисола анҷомёфта, дар боби сеюм шуҳрати маснавии “Ром ва Сито” аввалан аз мазмуни муҳтавои тоза ва бикри он бошад, сонияи дар бурузи ҳунари шоирии Масеҳо мебошад, ки бо содагии баён, забони оммафаҳм, истифодаи санъатҳои бадеии маълуму маъруфи адаби форсии тоҷикӣ ва истифодаи вазни матбуъ (ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур: фоъилотун, фоъилотун фоъилун ё фоъилон), ки ҳамаи он ҷалби таваҷҷуҳ менамоянд ва дар фаслҳои боби ниҳоии рисола баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.

Диссертант, агарчи ҳар боб ва баъзе фаслҳоро хулоса ва натиҷагирӣ кардааст, боз ҳам дар охири таҳқиқот натиҷаҳои илмии хешро дар 22 банд ҷамъбандӣ намудааст, ки гувоҳи лаёқати илмии ӯ мебошад.

Дар диссертатсия 164 осори илмӣ, бадеӣ ва манбаъҳои таърихӣ ва адабӣ истифода шудааст, ки 50 адади он сарчашмаҳои илмӣ мебошанд ва дар тақвияти сатҳи илмии рисола афзудаанд.

Дар диссертатсия дар баробари ин ҳама дастовардҳо чанд нуктаи эродӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзоянд:

1. Зерфасли якуми боби аввал бо зерфасли дувуми он дар асл

давоми ҳамдигар буда, якҷо кардани онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

2. Ҷудо намудани истифодаи санъатҳои бадеӣ ба ду фасл дар боби сеюм зарурат надошта, мавзуи ҳар ду фасл як мебошад.

3. Тарзи навишти баъзе калимаҳои хориҷӣ бар хилофи имлои нави забони тоҷикӣ мебошад: Валмикӣ бояд Валмики навишта мешуд.

4. Ҳамчунин, дар навишти чанд калима дугонагӣ дида мешавад, мисли аҳамият ва аҳаммият (бо ташдид).

5. Дар рисола дар баъзе мавридҳо солҳо ба ҳиҷрӣ-қамарӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба шакли мелодӣ оварда шудаанд. Агар яксон оварда мешуданд, хубтару беҳтар буд.

6. Хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дар матни диссертатсия ба чашм мерасанд, ки барои кори илмӣ шоиста намебошанд.

7. Агар сарчашмаҳои илмии дар рӯйхати адабиёт овардашуда бо сарчашмаҳои бо забони ҳиндӣ таълифшуда муқоиса мегардиданд, ҳусни илмии рисола дучанд мешуд.

Эродҳои баёнгардидаислоҳшаванда буда, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд ва ислоҳи онҳо боиси беҳбуди кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқат дошта, муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, ки аз он 6 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР ба чоп расидаанд, инъикос ёфтаанд. Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» таҳқиқоти пурра

анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25-уми августи соли 2023, суратҷаласаи № 1 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С.

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э.

Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков
ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

25-уми августи соли 2023